Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Татбиқи амалии Кодекси андоз аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳоло ҳам камбудиҳо ва рахнаҳо дар меъёрҳои қонунгузории андоз ва мутаносибан дар маъмурикунонии он ба назар мерасанд. Яъне, тадбирҳои андешидашуда басанда набуда, зарурати такмили низоми маъмурикунонии андоз, бахусус баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва бо истифода аз технологияҳои муосир ба роҳ мондани назоратҳои андоз саривақтӣ мебошад. Бинобар ин, баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва маъмурикунонии он, таҳқиқи назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро ҷиҳати такмили низоми маъмурикунонии андоз тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявии кишвар дар давраҳои минбаъда хизмат хоҳад кард. Ҳалли масъалаҳои мазкур мубрамӣ ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти илмиро муайян намудааст.

Дар шароити муосир раванди ташаккули маъмурикунонии андоз, на ҳама паҳлуҳои низоми андозбандӣ ва фаъолияти мақомоти андозро фаро гирифтааст. Аксарияти мушкилоти низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз татбиқи чораҳои дастаҷамъонаи танзими давлатӣ, бахусус баҳисобгирии объектҳои андозӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, дуруст ба роҳ мондани назорати андоз ва ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои хоҷагидор, баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва бекор намудани имтиёзҳои бесамар, саривақт воридшавии маблағҳои андозиро ба буҷети давлатии сатҳои гуногун тақозо менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз ба қадри кофӣ арзёбӣ нагардидааст. Инчунин, баррасии масъалаҳои ҳавасмандии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар муносибатҳои андозӣ ҷузъи асосии такмили маъмурикунони он ба ҳисоб меравад, таҳқиқу омӯзиши махсусро тақозо менамояд ва дар илми иқтисодиёт дар ин самт монографияҳои илмӣ кам ба назар мерасад, ки ин ҳам далели мубрамӣ ва муҳимияти интихоби мавзӯи кори мазкур мебошад.

Бо фикри муаллиа ҳамфикр шудан мумкин аст, дар масъалаи низоми мусоиди андозбандӣ ва ҷараёни сода ва шаффофи маъмурикунонии он аз як ҷониб, талаботи давлатро ба захираҳои молиявӣ таъмин намуда, аз ҷониби дигар, барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Муаллиф қайд кардааст, ки дуруст роҳандозӣ нагардидани маъмурикунонӣ дар самти назоратҳои андозӣ ба он оварда расонидааст, ки қонунвайронкуниҳои андоз давра ба давра зиёд гардад. Аз ин рӯ, зарур аст,

ки дар давраҳои минбаъда ба низоми электронии назорати андоз диққати махсус дода шавад ва гузаронидани тамоми намуди санҷишҳои андоз, махсусан санҷишҳои сайёри андоз боз ҳам маҳдуд карда шавад. Аз ин ҷост, аз ақидаи муаллиф муайян кардан мумкин аст, ки ҳатман барои назорати андоз истифодаи барномаҳои электронт ва технологияи иттилоотӣ зарур мебошанд.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат овардашуда хубтар мешуд, агар муаллиф дар ҷадвали № 5 (саҳифаи 26), ки дар он дурнамои воридоти андозу пардохтҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, воридоти андоз тибқи низоми умумӣ, ММД ва даромади субъектон тибқи низоми умумӣ, барои солҳои 2023 – 2028 оварда шудааст, ба таври мушаххас тавсифи онро ва натиҷаи ин дурнаморо пурра шарҳ медод.

Вале камбудии баррасигардида, хусусияти маслиҳатӣ дошта ба сатҳ ва сифати автореферат таъсири манфии худро расонида наметавонад. Дар маҷмуъ, қайд кардан бомаврид аст, ки кори илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта асосҳои назариявию амалии маъмурикунонии андозро пурра ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тибқи муқаррароти бандҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Халифазода Саидаҳтам арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори ДИСДДТТ** **Азимов А.Ҷ.**

***Суроғаи муассиса: Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, 735700, вил. Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169, телефон +992 (3422)-6-03-21, E-, MAIL,mail:info@iet.tj***

***Имзоҳои Азимов А.Ҷ.– ро тасдиқ менамоям.***
***Мудири шўъбаи кадрҳо***
***ва корҳои махсуси ДИСДДТТ*** ***Маҳмудов Ш.У.***